*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 157 (4577) | ЧОРШАНБЕ, 21 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## НОМАҲОИ ШОДБОШӢ



**Бисту якуми декабри соли 2022 Дабири кулли Созмони ҷаҳонии ҳавошиносӣ муҳтарам Петтери Таалас ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон номаи шодбошӣ ирсол намуд, ки дар он, аз ҷумла, гуфта мешавад:**

**«Ҷаноби Олӣ!**

Мехоҳам Шуморо ба муносибати қабули қатъномаи Маҷмаи умумии СММ доир ба эълон намудани соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» самимона шодбош гӯям.

Созмони ҷаҳонии ҳавошиносӣ омода аст ин ташаббуси муҳимро бо ниҳодҳои илмӣ ва коршиносонаш дастгирӣ намояд. Мо пешвоии қавии Тоҷикистонро дар рӯзномаи ҷаҳонии об ва криосфера эътироф менамоем. Чанде пеш имкони хуб доштам, то аз кишвари Шумо боздид намоям ва таъсири тағйирёбии иқлимро ба пиряхҳои кишвари Шумо бубинам.

Бесаброна мунтазири идома ёфтани ҳамкорӣ бо Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо шарикони байналмилалиамон дар чорабиниҳои канории Конфронси дарпешистодаи оби Созмони Милали Муттаҳид моҳи марти соли 2023 ҷиҳати таблиғи мавзӯъҳои асосӣ, аз қабили таъсири иқлим ба пиряхҳо ва гардиши об, инчунин андешидани тадбирҳои мутобиқшавӣ ба ин тағйирот, аз ҷумла рушди хадамот ва имконоти мукаммали огоҳсозии барвақтӣ, мутобиқи даъвати Дабири кулли СММ оид ба огоҳии бармаҳал барои ҳама, ки онро Созмони ҷаҳонии ҳавошиносӣ якҷоя бо Дафтари СММ оид ба коҳиши хатари офатҳои табиӣ (UNDRR) роҳбарӣ мекунад, ҳастам.

Лутфан, Ҷаноби Олӣ, таманниёти беҳтарин ва эҳтиромоти фоиқаи маро бипазиред».

**Бисту якуми декабри соли 2022, ҳамчунин, Раиси Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид муҳтарам Чаба Короши ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон номаи шодбошӣ ирсол намуд, ки дар он, аз ҷумла омадааст:**

**«Ҷаноби Олӣ!**

Бо камоли ифтихор мехоҳам Шуморо ба муносибати муваффақона қабул гардидани қатънома зери унвони «Соли 2025 - Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо», ки дар Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид 14-уми декабри соли 2022 сурат гирифт, табрик намоям.



Итминони комил дорам, ки қабул гардидани ин қатънома ба баррасии аҳамияти пиряхҳо ҳамчун ҷузъи даври гидрологӣ ва мушкилиҳои ногузир, ки обшавии босуръат ва коҳиши пиряхҳо барои муҳити зист, тандурустии инсон, рушди устувор ва пойдории таъминоти об ба вуҷуд меоваранд, мусоидат хоҳад кард.

Умед дорам, ки ширкати фаъоли Шумо дар Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид – 2023 натиҷаҳои назаррас ва пешниҳодоти амалию таҳаввулофаринро ҷиҳати пайдо намудани ҳалли устувори масъалаҳои марбут ба об дар ҳавзаи дарёҳои аз пиряхҳо ибтидогиранда ба бор хоҳад овард.

Лутфан, Ҷаноби Олӣ, эҳтиромоти фоиқаи маро бипазиред».

**www.president.tj**

Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум

## ТАСДИҚИ ДУ СОЗИШНОМАИ ҲАМКОРӢ, КИ БА МАСОИЛИ АМНИЯТӢ ВА МУБОДИЛАИ ИТТИЛООТ БАХШИДА ШУДААНД



**21-уми декабри соли 2022 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**

**РАИС: - Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 59 вакил ҳузур доранд.

Имкон шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласа Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саъдӣ Қодирзода, муовини якуми вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Собирзода, муовини якуми вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамшед Каримзода, муовини якуми вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдураҳмон Аламшозода, муовини раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Каъбатулло Меликзода, муовини якуми сардори Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафаралӣ Қурбонзода ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба рӯзномаи ҷаласа нуҳ масъала пешниҳод шудааст.

Пешниҳоди дигар доред? Нест.

Лоиҳаи қарорро ба овоз мемонам ва хоҳишмандам нисбат ба рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Дар бораи Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи амният байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Туркия**

**2. Дар бораи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия оид ба ҳамкории иттилоотӣ ва мубодилаи иттилоот дар шакли электронӣ вобаста ба масъалаҳои мансуб ба салоҳияти мақомоти корҳои дохилӣ**

**3. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**4. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат»**

**5. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор»**

**6. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ»**

**7. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳисоботи роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба иҷрои сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022»**

**8. Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи сохтор, басти вазифаҳо ва сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023»**

**9. Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Муассисаи давлатии «Редаксияи рӯзномаи «Садои мардум» барои соли 2023».**

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

Муҳокимаи парламентӣ

## КАДОМ БАРНОМА, БА ИСТИСНОИ ДУШАНБЕВУ ВМКБ, ДАР ДИГАР ШАҲРУ НАВОҲӢ ИҶРО НАШУД?

**Понздаҳуми декабри соли 2022 таҳти раёсати муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ вобаста ба иҷрои «Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018 - 2022» муҳокимаи парламентӣ баргузор шуд, ки дар он вакилони Маҷлиси намояндагон, намояндагони вазоратҳои маориф ва илм ва молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Палатаи ҳисоб иштирок карданд.**

Дилрабо Мансурӣ гуфт, ки ҳоло дар бораи асри иттилоотӣ хеле зиёд сухан меронем. Дар ҳақиқат, асри XXI асри технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ мебошад. Дар ин аср ҳама самти фаъолияти инсон аз дастовардҳои техникаи компютерӣ ва технологияи навтарини коркарди иттилоот баҳраваранд. Саҳми иттилоот дар қабули қарорҳои идоракунии истеҳсолот, ҷамъият, тафаккур ва ҳалли масъалаҳои рӯзмарра ба дараҷае меафзоянд, ки он ба омили ҳаётан муҳими инсон таъсир мерасонад.



- Барои дар ҷомеаи муосир фаъолият карда тавонистан ҳар як узви он, бахусус наврасону ҷавонон, бояд аз фарҳанги иттилоотӣ бархӯрдор бошанд. Доштани фарҳанги иттилоотӣ дар соҳаи технологияи иттилоотӣ соҳиби дониш, малака ва иқтидори муайян ва тибқи меъёрҳои ҳуқуқию ахлоқии ин соҳа рафтор кардан мебошад, - зикр кард номбурда ва афзуд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз аз оғози даврони соҳибистиқлолӣ ба ҳалли масъалаҳои рушди соҳаи маориф ва илм, фароҳам овардани шароити муосир барои таълиму тарбияи наслҳои оянда, омода намудани кадрҳо барои иқтисоди миллӣ ва барои тайёр намудани мутахассисони соҳаи техникаву технология бисёр иқдомоти созандаро амалӣ гардонида, маблағгузоририро барои рушди ин соҳа сол ба сол афзоиш дода истодааст.

Дар 31 сол барои соҳибмаърифат гардонидани насли наврасу ҷавон ба маблағи 434 миллион сомонӣ зиёда аз 735 номгӯй китобҳои дарсӣ бо шумораи умумии 50 миллион нусха чоп гардидааст.

- Соли 2022 аз буҷети ҷумҳуриявӣ барои барномаҳои давлатии соҳа дар самти таҳсилоти томактабӣ, дарёфт ва рушди истеъдодҳо, такмили таълими забонҳои русӣ ва англисӣ, таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳаз, инчунин, рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ аввалин маротиба ба таври мутамарказ 32 миллион сомонӣ ҷудо карда шудааст, - изҳор дошт Дилрабо Мансурӣ.

Бино ба гуфти ӯ, амалигардонии «Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ – коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» ба ҳалли як қатор масъалаҳо, аз ҷумла амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар ин соҳа ва татбиқи ҳадафҳои «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», мусоидат намуда, беҳтар кардани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таълимии кишварамонро такмил медиҳад.

Муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Даринг Раҳмон Ҷаҳонафрӯз изҳор дошт, ки дар ҷаҳони муосир рушди соҳаи маорифро бе истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ - коммуникатсионӣ тасаввур кардан имконнопазир аст. Чунон ки тадқиқоти сершумор нишон медиҳанд, зиёд гардидани иттилооте, ки дар соҳаи маориф истифода мешавад, бояд ба манбаи ягонаи иттилоотӣ асос ёфта, ба таври замонавӣ коркард шавад.

Дар ин шароит соҳаи маориф бе истифодаи воситаю усулҳои муосири коркард, интиқол ва пешниҳоди иттилооти электронӣ самаранок буда наметавонад.

- Бо ин мақсад дар кишвар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёд қабул гардиданд, ки ба рушди соҳаи маориф заминаи асосӣ гузоштанд. Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаву консепсияҳо пайваста қабул мегарданд, ки дар рушди соҳа нақши назаррас доранд. «Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 - уми сентябри



соли 2017 таҳти №443 қабул шудааст, тасдиқи гуфтаҳои боло мебошад. Мақсад аз қабули барномаи мазкур рушди низоми технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ва баланд бардоштани сифати таҳсилот мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ бо истифодаи технологияҳои таълимии муосир, усулҳои инноватсионии таълим ва ташкили фазои ягонаи иттилоотии соҳаи маориф мебошад. Барнома самтҳои афзалиятноки рушдро дар амалӣ кардани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ инъикос намуда, мутобиқи мақсадҳои «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ҷиҳати амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар ин соҳа равона карда шудааст, - зикр кард номбурда.

Зикр гардид, ки таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо техникаи компютерӣ, ташкили шабакаҳои иттилоотӣ ва пайвастшавии онҳо ба шабакаи интернет мутобиқи «Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» амалӣ шуда, то қабули «Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо 3452 синфхонаи компютерӣ ва 56421 компютер таъмин гардида буданд, вале ин нишондиҳандаҳо талаботи таълими фанни «Технологияи иттилоотӣ»-ро дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таъмин наменамуданд.

Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода оид ба иҷрои «Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» маълумот дод. Номбурда иҷрои барномаро банд ба банд таҳлил намуда, изҳор дошт, ки он танҳо дар шаҳри Душанбе ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 100 дарсад татбиқ шудааст.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

# ТАСДИҚИ ДУ СОЗИШНОМАИ ҲАМКОРӢ, КИ БА МАСОИЛИ АМНИЯТӢ ВА МУБОДИЛАИ ИТТИЛООТ БАХШИДА ШУДААНД

**(Идома аз саҳ. 1)**

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаҳои рӯзнома шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи якум сухан ба муовини якуми вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдураҳмон Аламшозода дода мешавад. Марҳамат.

**Абдураҳмон АЛАМШОЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси тасдиқи Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи амният байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Туркия дар асоси моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

Лоиҳаи қарор бо мақсади гузаронидани расмиёти дохилидавлатӣ барои эътибор пайдо кардани созишномаи зикргардида таҳия гардида, он 22 - юми июли соли 2022 дар шаҳри Анкара ба имзо расидааст.

Мақсади созишнома такмил додани ҳамкориҳо дар доираи танзими муносибатҳо байни тарафҳо дар соҳаи амният ва мусоидат дар таъмини амнияти тарафҳо, инкишофи ҳамкориҳои гуногунҷанба, баланд бардоштани самаранокӣ ва самарабахшии хадамоти амнияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи тарафҳо ва мубориза бар зидди чолишҳое мебошад, ки ба амният ва устуворӣ таҳдид мекунанд.

Созишнома аз муқаддима ва 13 модда иборат мебошад. Дар моддаҳои 1-2 мақсад, доираи амал ва мафҳумҳои асосӣ муайян гардида, дар моддаҳои 3-4 уҳдадории ҳамкорӣ ва соҳаҳои ҳамкорӣ миёни ҳар ду кишвар дар пешгирӣ ва мубориза бар зидди ҷиноятҳо пешбинӣ шудааст.

Дар моддаҳои 5-6 бошад, тартиби дархости кумак ва иҷрои он, принсипҳои истифодаи иттилоот ва ҳуҷҷатҳо муқаррар гардида, моддаҳои 7-9 қоидаҳо оид ба кадрҳо, татбиқи кооператсия, мақомоти салоҳиятдори тарафҳо оид ба татбиқи созишномаи мазкур, мулоқот ва машваратҳоро пешбинӣ менамоянд.

Моддаҳои 10-11 ба ҳалли баҳсҳо ва таносуби созишномаи мазкур бо дигар шартномаҳои байналмилалӣ бахшида шуда, дар моддаҳои 12-13 масъалаҳои вобаста ба хароҷот ва муқаррароти ниҳоӣ, вобаста ба мӯҳлати амал ва қатъ намудани амали созишномаи мазкур, уҳдадориҳои тарафҳо пас аз қатъ намудани он ва макони баимзорасонии он пешбинӣ гардидаанд.

Нисбат ба лоиҳаи зикршуда, экспертизаи зиддикоррупсионӣ гузаронида шуда, муайян гардид, ки дар он омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дида намешавад.

Созишнома ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надорад. Бинобар ин, аз шумо, вакилони муҳтарам, хоҳиш карда мешавад, ки тасдиқи онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ ягон савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Фазлиддин Икромӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Фазлиддин ИКРОМӢ:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи амният байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Туркия тибқи талаботи моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Созишномаи мазкур тибқи Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 - уми декабри соли 2022 таҳти №1495 ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва барои додани хулосаи ҳуқуқӣ ба Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуд.

Кумитаи масъул онро 14 - уми декабри соли 2022 дар ҷаласаи васеъ бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор дод.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон созишномаро мавриди баррасӣ қарор дода, бо пешниҳоди хулосаҳо онро ҷонибдорӣ карданд.

Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи амният байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Туркия ба талаботи моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният», «Дар бораи милитсия» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад. Аз ин рӯ, аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ ягон савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи амният байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Туркия» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия оид ба ҳамкории иттилоотӣ ва мубодилаи иттилоот дар шакли электронӣ вобаста ба масъалаҳои мансуб ба салоҳияти мақомоти корҳои дохилӣ» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъала сухан ба муовини якуми вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдураҳмон Аламшозода дода мешавад. Марҳамат.

**Абдураҳмон АЛАМШОЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси тасдиқи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия оид ба ҳамкории иттилоотӣ ва мубодилаи иттилоот дар шакли электронӣ вобаста ба масъалаҳои мансуб ба салоҳияти мақомоти корҳои дохилӣ дар асоси моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷиҳати иҷрои супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 - уми августи соли 2022 таҳия шудааст.

Мақсади таҳияи он гузаронидани расмиёти дохилидавлатӣ барои эътибор пайдо кардани созишнома мебошад.

Тасдиқи созишнома ба манфиати ҳар ду кишвар буда, баҳри густариш бахшидани муносибатҳо миёни мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар масъалаҳои ҳамкории иттилоотӣ ва мубодилаи иттилоот дар шакли электронӣ мусоидат менамояд.

Созишнома 16 – уми сентябри соли 2021 дар шаҳри Москва ва 23 – юми феврали соли 2022 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, аз муқаддима ва 12 модда иборат мебошад. Дар муқаддима ҳадафи густариш бахшидани муносибатҳо миёни мақомоти корҳои дохилӣ дар масъалаи ҳамкории иттилоотӣ ва мубодилаи маълумот дар шакли электронӣ муайян шудааст.

Дар моддаҳои 1-2 мавзӯи созишнома ва мақомоти салоҳиятдори тарафҳо пешбинӣ шуда, моддаҳои 3-5 тартиби таҳияи протоколҳои техникӣ ва талабот нисбат ба протоколи техникӣ, пешниҳоди маълумоти электронӣ, нигоҳдорӣ, истифода ва нест кардани онро тибқи қонунгузории миллӣ ва уҳдадориҳои байналмилалӣ муайян менамояд.

Моддаи 6 ба тартиби бофдоштани маълумот ҳангоми ошкор намудани вайронсозии талаботи амнияти иттилоотӣ ва қоидаҳои кор дар низомҳои иттилоотӣ бахшида шуда, дар моддаҳои 7, 8 ва 9 масъалаи хароҷот вобаста ба иҷрои созишнома, тартиби ворид намудани тағйиру иловаҳо ва забони корӣ ҳангоми амалисозии он ҳаллу фасл гардидаанд.

Моддаҳои 10 ва 11 ба тартиби ҳалли баҳсҳо ҳангоми тафсири созишномаи зикргардида ва таносуби он бо уҳдадориҳои байналмилалии тарафҳо бахшида шуда, моддаи 12 масъалаҳои эътибор пайдо кардан, тамдид намудан ва қатъ гардидани амали созишномаи зикргардидаро муайян кардааст.

Нисбат ба лоиҳаи мазкур экспертизаи зиддикоррупсионӣ гузаронида, муайян гардид, ки дар он омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дида намешавад.

Созишнома ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надорад. Бинобар ин, аз шумо, вакилони муҳтарам, хоҳиш карда мешавад, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС: -** Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Мироҷ Абдуллоев дода мешавад. Марҳамат.

**Мироҷ АБДУЛЛОЕВ:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозири гиромӣ!**

Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия оид ба ҳамкории иттилоотӣ ва мубодилаи иттилоот дар шакли электронӣ вобаста ба масъалаҳои мансуб ба салоҳияти мақомоти корҳои дохилӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ кардан ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Созишнома тибқи Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 – уми декабри соли 2022 таҳти №1496 ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва барои додани хулосаи ҳуқуқӣ ба Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуд.

Кумитаи масъул онро 14 – уми декабри соли 2022 дар ҷаласаи васеъ бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор дод.

Созишнома аз ҷониби иштирокдорони ҷаласа ҷонибдорӣ карда шуд. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия оид ба ҳамкории иттилоотӣ ва мубодилаи иттилоот дар шакли электронӣ вобаста ба масъалаҳои мансуб ба салоҳияти мақомоти корҳои дохилӣ ба талаботи моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад. Бинобар ин, аз шумо, вакилони муҳтарам, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки тасдиқи онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ ягон савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия оид ба ҳамкории иттилоотӣ ва мубодилаи иттилоот дар шакли электронӣ вобаста ба масъалаҳои мансуб ба салоҳияти мақомоти корҳои дохилӣ» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** -Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ мекунем. Сухан ба муовини якуми вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Собирзода дода мешавад. Марҳамат.

**Эмомалӣ СОБИРЗОДА:**

**- Муҳтарам, Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Лоиҳаи қонун пешбинӣ менамояд, ки дар моддаҳои 72 ва 132 кодекси зикргардида тағйироту илова ворид карда шаванд.

Тағйироту иловаи пешниҳодшуда салоҳияти Бозрасии ҳарбии автомобилии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро нисбат ба баррасӣ ва пешбурди парвандаҳои маъмурӣ вобаста ба вайронкунии қоидаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳ бо истифодаи воситаҳои нақлиёти ҳарбӣ мушаххас менамояд. Аз ҷумла, иловаи дар моддаи 72 пешбинишуда ҳуқуқи манъ кардани воситаҳои нақлиёти ҳарбиро ба кормандони Бозрасии ҳарбии автомобилии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои муайяншуда медиҳад.



Ҳамчунин, моддаи 132 дар таҳрири нав бо мақсади муайян кардани шахсоне, ки аз номи Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва таъини ҷазоҳои маъмуриро доранд, инчунин дар доираи ваколатҳои худ баррасии парвандаҳои маъмурие, ки аз тарафи ронандагони воситаҳои нақлиёти ҳарбӣ содир шудаанд, таҳия шудааст.

Қабули қонуни мазкур имкон медиҳад, ки маълумот оид ба ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ вобаста ба риоя нагардидани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, ки аз ҷониби хизматчиёни ҳарбӣ ва ҳайати ғайринизомии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои ҳарбӣ содир шудаанд, дар Бозрасии ҳарбии автомобилии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъбаст ва таҳлил гардида, парвандаҳои маъмурӣ сари вақт баррасӣ ва содиршавии онҳо байни ҳайати шахсӣ пешгирӣ карда шаванд.

Лоиҳаи қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, қабули он аз буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб намекунад. Хоҳишмандам онро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ ягон савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Баҳриддин Зиёӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Баҳриддин ЗИЁӢ:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Ҳадаф аз таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» васеътар кардани ваколатҳои Бозрасии ҳарбии автомобилии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Тағйироту иловаи мазкур ба Бозрасии ҳарбии автомобилии Вазорати мудофиа имкон медиҳад, ки минбаъд ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии вобаста ба қоидаҳои ҳаракат дар роҳ содирнамудаи хизматчиёни ҳарбӣ ва ҳайати ғайринизомии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби онҳо баррасӣ карда шаванд. Инчунин, дар оянда Бозрасии ҳарбии автомобилии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаҳои маъмуриро сари вақт баррасӣ намуда, содиршавии чунин ҳуқуқвайронкуниҳоро байни ҳайати шахсӣ ва ҳайати ғайринизомӣ таҳлил ва ҷамъбаст менамояд.

Лоиҳаи қонуни зикргардида бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои додани хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон, Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон пешниҳод шуд.

Кумитаҳо ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон онро мавриди омӯзиш қарор дода, дар хулосаҳояшон ҷонибдорӣ карданд. Таклифу пешниҳоди манзургардида баҳри мукаммал гардонидани лоиҳа истифода карда шуданд.

Кумитаи масъул масъалаи зикргардидаро дар ҷаласаи васеъ бо иштироки намояндагони кумитаҳо ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон, бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дод.

Лоиҳаи қонун ба боби 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боби 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мухолифат надорад. Аз ин лиҳоз, аз шумо, вакилони арҷманд, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ ягон савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қабул шуд.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» шурӯъ мекунем.

Сухан ба муовини якуми вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамшед Каримзода дода мешавад. Марҳамат.

**Ҷамшед КАРИМЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони арҷманд!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» бо мақсади фароҳам овардани заминаи қонунӣ барои аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудани Қоидаҳои намунавии ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор ва хизматрасонӣ)» аз ҷониби Вазорати молия таҳия ва пешниҳод карда мешавад.

Айни замон бо мақсади ба танзим даровардани ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор ва хизматрасонӣ) Низомномаи калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот (кор ва хизматрасонӣ) дар корхонаҳо ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон амал менамояд, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 – уми майи соли 1999 таҳти №210 тасдиқ гардидааст. Санади қайдгардида аз як тараф, ба талаботи байналмилалӣ ва имрӯзаи бозаргонӣ ҷавобгӯ набошад, аз тарафи дигар, тарҳи мафҳуми он дар шакли коста ва душворфаҳм баён гардидааст, аз ин рӯ, зарурати дар таҳрири нав қабул намудани он ба миён омадааст.



Ҳарчанд Низомнома ҳамчун санади зерқонунӣ бо қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида бошад ҳам, вале заминаи қонунии қабули он то ҳол дар сохтори қонунҳои амалкунанда вуҷуд надорад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» асосҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии ҳимояи рақобатро муайян намуда, муносибатҳоро оид ба ташкил ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди рақобат, фаъолияти самарабахши бозорҳои мол, таъмини фазои ягонаи иқтисодӣ ва фаъолияти озоди иқтисодӣ танзим менамояд.

Қонуни мазкур нисбат ба муносибатҳое татбиқ мегардад, ки ба ҳимояи рақобат, аз ҷумла огоҳкунӣ, пешгирӣ, маҳдудкунӣ ва қатъ намудани фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати носолим дар бозорҳои мол ва молиявӣ равона гардида, дар ниҳоят ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагонро таъмин менамояд. Дар ин муносибатҳо аслан шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие иштирок менамоянд, ки фаъолияти онҳо барои ба даст овардан, коркард, истеҳсол, нигоҳдорӣ ва фурӯши мол равона гардидааст.

Дар маҷмӯъ, ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор ва хизматрасонӣ) алоқаманд будан бо мавзӯи танзими қонуни номбурда, ҳамзамон бо мақсади фароҳам овардани заминаи қонунӣ барои таҳия ва аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардани Қоидаҳои намунавии ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор ва хизматрасонӣ) лоиҳаи мазкур пешниҳод карда мешавад.

Бо назардошти далелҳои овардашуда аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки онро дастгирӣ намоед.

**РАИС: -** Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба иқтисод ва молия Фозил Обидзода дода мешавад. Марҳамат.

**Фозил ОБИДЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Мақсади асосии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» муносибатҳо вобаста ба ҳимояи рақобат ва таъмини ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон мебошад. Тибқи лоиҳаи пешниҳодгардида ба моддаи 15 қонуни амалкунанда қисми 6 бо мазмуни зерин илова карда мешавад: «Ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор, хизматрасонӣ) тибқи Қоидаҳои намунавии ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор, хизматрасонӣ), ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегарданд, амалӣ карда мешавад».

Лоиҳаи қонуни зикргардидаро кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон дар хулосаҳояшон ҷонибдорӣ карданд.

Он ба моддаи 60 Конститутсия ва талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Аз ин рӯ, аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ ягон савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» ба овоз монда, қабул шуд.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба масъалаи навбатии рӯзнома «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» оғоз мекунем.

Аз рӯи он сухан ба раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саъдӣ Қодирзода дода мешавад. Марҳамат.

**Саъдӣ ҚОДИРЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» бо мақсади амалӣ кардани дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин идомаи ислоҳоти минбаъдаи соҳаи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, бо дарназардошти таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи ҷумҳурӣ ва таҷрибаи байналмилалӣ, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Масъалаҳои дар доираи лоиҳаи қонун пешбинигардида масъалаҳои ба танзим даровардани фаъолияти назоративу санҷишии мақомоти давлатӣ, аз байн бурдани ҳолатҳои санҷиши ғайриқонунӣ ё дахолат ба фаъолияти соҳибкорону сармоягузорон, инчунин маҳдуд кардани ваколатҳои санҷишии мақомоти давлатиро (дар соҳаҳои ҷангал, шикор ва ҳудудҳои махсус муҳофизатшавандаи табиӣ, забон ва истилоҳот, идораи замин ва геодезӣ, бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқ ба он, назорати техникаи кишоварзӣ ва суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаро) дар бар мегирад.

Тибқи он шумораи мақомоти санҷишӣ аз 26 ба 23 мақомот дар доираи қонун муқаррар гардида, ба танзими фаъолияти назоративу санҷишии мақомоти давлатӣ мусоидат хоҳад кард, ки ин муҳити мусоид ба фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ дар кишвар фароҳам оварда, ҷолибияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои ҷалби сармоягузорӣ дар байни кишварҳои ҳамсоя бештар мегардонад.

Аз шумо, вакилони муҳтарам, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодгардидаро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ ягон савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Маҳмадалӣ Қурбонзода дода мешавад.

**Маҳмадалӣ ҚУРБОНЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, ки бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия барои баррасӣ супорида шуд.

Мақсади асосии лоиҳаи қонуни мазкур кам кардани такроршавии вазифаҳои ба ҳам монанд ва аз байн бурдани такроршавии ваколатҳои санҷишии мақомоти санҷишӣ мебошад.

Тибқи лоиҳаи пешниҳодгардида қисми 3 моддаи 4 қонуни амалкунанда дар таҳрири зерин ифода карда мешавад: «Аз ҷониби мақомоту сохторҳои давлатие, ки тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дорои ваколатҳои назоратӣ (назорати давлатӣ, корҳои назоратӣ) ва санҷишӣ буда, дар моддаи 10 қонуни мазкур пешбинӣ нашудаанд, ба истиснои муқаррароти қисми 2 ҳамин модда ва мавҷуд будани парвандаи ҷиноятӣ, гузаронидани назорат (назорати давлатӣ, корҳои назоратӣ) ва санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор манъ аст».

Лоиҳаи қонунро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хулосаҳояшон ҷонибдорӣ карда, 13 таклиф пешниҳод намуданд, ки аз он 5-тоаш қабул ва 8-тоаш қабул нагардид.

Таклифҳои қабулгардида дар мувофиқа бо субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба лоиҳаи қонун ворид карда шуданд.

Лоиҳаи қонун ба моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Аз ин рӯ, аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи онро ҷонибдорӣ карда, ба тарафдориаш овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ ягон савол ё пешниҳод ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» ба овоз монда шуда, қабул шуд.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» шурӯъ менамоем.

Сухан ба муовини раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Каъбатулло Меликзода дода мешавад. Марҳамат.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

# ТАСДИҚИ ДУ СОЗИШНОМАИ ҲАМКОРӢ, КИ БА МАСОИЛИ АМНИЯТӢ ВА МУБОДИЛАИ ИТТИЛООТ БАХШИДА ШУДААНД

(Идома аз саҳ. 1 - 2)

**Каъбатулло МЕЛИКЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони арҷманд!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» дар асоси банди 32 «Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 21-уми декабри соли 2021 зикр гардидаанд, таҳия шудааст.

Мутобиқи талаботи банди 32 нақша - чорабиниҳои зикршуда, Кумитаи андоз, Агентии омор, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа якҷоя бо дигар вазорату идораҳо муваззаф шуда буданд, ки ҷиҳати ба роҳ мондани раванди бақайдгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ дар муддати 24 соат, аз ҷумла ба таври электронӣ, чораҷӯӣ намоянд.

Тибқи муқаррароти лоиҳаи қонун оид ба тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ», раванди бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ боз ҳам сода гардида, мувофиқи принсипи «Равзанаи ягона» мӯҳлати анҷоми амали бақайдгирии давлатӣ аз 3-5 рӯзи корӣ ба 24 соат ва имкониятҳои истифодаи тартиби электронии бақайдгирии давлатӣ пешбинӣ шудааст. Аз ҷумла, бо мақсади кам намудани хароҷот ва сарфа намудани вақти субъектҳои соҳибкорӣ, тибқи лоиҳаи қонун (қисмҳои 1, 3, 4, 5 (сархати якум), 7, 8, 9 (сархати якум), 10 ва 11 (сархати якум) анҷом додани амалҳои бақайдгирии давлатӣ, аз ҷумла бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, барҳамдиҳии шахсони ҳуқуқӣ, шахсони воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ ва қатъ намудани фаъолияти онҳо, таъсисёбӣ ва қатъ намудани фаъолияти филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, инчунин ворид намудани маълумот ба Феҳристи ягонаи давлатӣ дар мӯҳлати то 24 соат аз лаҳзаи пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои дахлдор пешбинӣ шудааст.

Ҳамзамон, ҷиҳати муқаррар кардани заминаи ҳуқуқӣ барои пурра ба таври электронӣ анҷом додани бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, тибқи қисми як лоиҳаи қонун принсипи «Равзанаи ягона» такмил дода шуда, ҷиҳати дар шакли электронӣ анҷом додани бақайдгирии давлатӣ, мақомоти дахлдори давлатӣ ба мақомоти андоз маълумоти заруриро тавассути низоми ҳамгироии иттилоотӣ дар шакли электронӣ пешниҳод менамоянд.

Тибқи тағйироти мазкур, дар доираи ҳамгироии низоми иттилоотӣ ва дар шакли электронӣ ба роҳ мондани табодули маълумот аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ, минбаъд маълумот оид ба ҷои истиқомат, шиносномаи шаҳрвандӣ, раводид ва иҷозати кори шаҳрвандони хориҷӣ аз тарафи субъектҳои соҳибкорӣ ба мақомоти андоз пешниҳод карда намешавад.

Мутобиқи талаботи қисми 2 лоиҳаи қонун хориҷ намудани қисми 6 моддаи 9 қонуни амалкунанда (муқаррарот дар бораи ройгон пешниҳод намудани иқтибос аз Феҳристи ягона) пешбинӣ шудааст, зеро тибқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми январи соли 2020 таҳти №1680 ва №1681 ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, ройгон анҷом додани бақайдгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ, аз ҷумла пешниҳоди иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатӣ ба мақомоти давлатӣ муқаррар шудааст.

Инчунин, тибқи лоиҳаи қонун бо мақсади сари вақт анҷом додани амали бақайдгирии барҳамдиҳии шахсони ҳуқуқӣ ва пешгирӣ намудани татбиқи ҷаримаи маъмурӣ барои сари вақт пешниҳод нагардидани маълумоти дахлдор мӯҳлати огоҳ намудани мақомоти андоз аз ҷониби муассис (муассисон), соҳибкорони инфиродӣ ва мақомоти ваколатдори шахси ҳуқуқӣ ё суд, ки қарорҳоро дар бораи барҳам додани шахси ҳуқуқӣ ё тағйир додани Феҳристи ягонаи давлатӣ қабул намудаанд, аз се (панҷ) рӯзи корӣ ба мӯҳлати даҳ рӯзи корӣ пешбинӣ шудааст.

Тибқи муқаррароти моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» ҳангоми ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифтани шаҳрванди хориҷӣ, нусхаи ҳуҷҷате, ки дар асоси он ба шахси воқеии хориҷӣ барои сукунат ва амалӣ намудани фаъолияти меҳнатӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шудааст (раводид, варақаи бақайдгирӣ ва гувоҳномаи иқомат), ба мӯҳлати на кам аз шаш моҳ пешбинӣ гардидааст. Мутобиқи талаботи қисми 6 лоиҳаи қонуни номбурда, мӯҳлати мазкур се моҳ муқаррар карда шуд. Аз шумо, бо арзи эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» - ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ ягон савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Зафар Ализода дода мешавад. Марҳамат.

**Зафар АЛИЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» бо истифода аз ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Мақсади таҳияи лоиҳаи қонуни зикргардида боз ҳам сода гардонидани раванди бақайдгирӣ ва барҳамдиҳии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ мувофиқи принсипи «Равзанаи ягона» дар мӯҳлати кӯтоҳ ва имкониятҳои истифодаи тартиби электронии бақайдгирии давлатӣ мебошад.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ»-ро мавриди омӯзиш қарор дода, онро ҷонибдорӣ намуданд.

Кумитаи масъул 13 - уми декабри соли 2022 бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи васеъ лоиҳаи қонуни мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, ҷонибдорӣ кард.

Лоиҳаи қонун ба боби 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боби 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мухолифат надорад. Хоҳиш карда мешавад, ки онро дастгирӣ намоед.

**РАИС: -** Ба маърӯзачӣ ягон савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» ба овоз монда шуда, қабул шуд.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳисоботи роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба иҷрои сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022» оғоз менамоем.

Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба раиси Комиссия оид ба назорати дастур ва ташкили кори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамшед Муртазозода дода мешавад. Марҳамат.

**Ҷамшед МУРТАЗОЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Мувофиқи талаботи банди 120 Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон соле як маротиба дар бораи сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Маҷлиси намояндагон дар ҷаласаи Маҷлиси намояндагон ҳисобот медиҳад.

Дар мувофиқа бо принсипи мазкур, шунидани ҳисоботи роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон оид ба иҷрои сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Маҷлиси намояндагон салоҳияти Маҷлиси намояндагон мебошад.

Устувории фаъолияти самараноки Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тақсимоти дуруст ва истифодаи мақсадноки маблағҳои буҷетӣ вобастагӣ дошта, дар ин самт Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон корро босифат ва масъулияти баланд ба роҳ мондааст.

Сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Маҷлиси намояндагон дар соли сипаригардида 21 миллиону 155 ҳазору 200 сомониро ташкил дода, то имрӯз иҷрои самараноки он 92 дарсадро ташкил намудааст, ки боқимондаи он то охири сол сарф хоҳад шуд. Айни ҳол, Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ва сохторҳои он тамоми чораҳоро баҳри пурра ва мақсаднок истифода шудани маблағҳои буҷетӣ дар Маҷлиси намояндагон ба роҳ монда, истифодаи онҳоро мувофиқи таъиноташон таъмин карда тавонист.

Ҳисоботи роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон оид ба иҷрои сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Маҷлиси намояндагон барои соли 2022 дар ҷаласаи якҷояи Комиссия оид ба назорати Дастур ва ташкили кор ва Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия 13 - уми декабри соли равон баррасӣ ва барои ба маълумот гирифтан ба ҷаласаи Маҷлиси намояндагон манзур карда шуд.

Бо арзи эҳтиром хоҳиш менамоям, ки барои қабули Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳисоботи роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба иҷрои сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022» овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳисоботи роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба иҷрои сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатӣ «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи сохтор, басти вазифаҳо ва сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023» шурӯъ менамоем.

Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба раиси Комиссияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба назорати Дастур ва ташкили кор Ҷамшед Муртазозода дода мешавад.

**Ҷамшед МУРТАЗОЗОДА:**
**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Бо мақсади фароҳам овардани шароити хуби корӣ ва таъмини музди меҳнати арзанда ба вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кормандони Дастгоҳи он аз истифодаи мақсадноки маблағҳои буҷетӣ дар Маҷлиси намояндагон вобастагии калон дошта, ҳалли масъалаи мазкур салоҳияти мақоми олӣ ё мақоми болоии воҳиди ҳуқуқӣ мебошад.

Бо истифодаи принсипи мазкур, қабули қарор дар бораи сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ, тасдиқи сохтор ва басти вазифаҳои Маҷлиси намояндагон, салоҳияти Маҷлиси намояндагон мебошад.

Лоиҳаи сохтор, басти вазифаҳо ва сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023 аз ҷониби роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон бе ягон тағйирот дар сохтор ва басти вазифаҳо барои соли 2023 пешниҳод шудааст. Мутобиқи санадҳои мазкур, мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ - 63 нафар, мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ - як нафар, мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ - 117 нафар ва мансабҳои хизматчиёни гражданӣ (ҳайати техникӣ ва хизматрасонӣ) - 162 нафар, дар маҷмӯъ 343 нафарро дар бар мегирад.

Тибқи тақсимоти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023», барои нигоҳдошти Маҷлиси намояндагон 27 миллиону 188 ҳазору 840 сомонӣ ҷудо гардидааст.

Комиссия оид ба назорати Дастур ва ташкили кор ва Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба иқтисод ва молия 13 – уми декабри соли 2022 лоиҳаи сохтор, басти вазифаҳо ва сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Маҷлиси намояндагонро барои соли 2023 дар ҷаласаи якҷоя баррасӣ намуда, онро маъқул шуморида, барои қабули қарори дахлдор ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод намуданд.

Хоҳиш менамоям, ки ба тарафдории қабули Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи сохтор, басти вазифаҳо ва сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023» овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи сохтор, басти вазифаҳо ва сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Муассисаи давлатии «Редакцияи рӯзномаи «Садои мардум» барои соли 2023» оғоз менамоем.

Сухан ба раиси Комиссияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба назорати Дастур ва ташкили кор Ҷамшед Муртазозода дода мешавад. Марҳамат.

**Ҷамшед МУРТАЗОЗОДА:**
**- Муҳтарам Раис, Раёсат, ҳамкасбон ва ҳозирини гиромӣ!**

Асосҳои ҳуқуқии фаъолияти редакцияи рӯзномаро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Дастури ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи муассиса ташкил медиҳад.

Мувофиқи талаботи банди 33 Оинномаи Муассисаи давлатии «Редакцияи рӯзномаи «Садои мардум», Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти редакцияи рӯзномаро барои соли навбатии молиявӣ бо қабули қарори дахлдор тасдиқ менамояд.

Оинномаи зикршуда вазъи ҳуқуқӣ, сохтор, тартиби фаъолият ва муносибати рӯзномаро бо мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ муайян кардааст.

Маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ манбаи маблағгузории фаъолияти Муассисаи давлатии «Редакцияи рӯзномаи «Садои мардум»-ро ташкил дода, муносибатҳои он дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023» ба танзим даровarda шудаанд.

Лоиҳаи сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Муассисаи давлатии «Редакцияи рӯзномаи «Садои мардум» барои соли 2023 дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ таҳия гардида, ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, 1 миллиону 362 ҳазору 802 сомониро ташкил медиҳад.

Хоҳиш менамоям, ки ба тарафдории қабули лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Муассисаи давлатии «Редакцияи рӯзномаи «Садои мардум» барои соли 2023» овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Муассисаи давлатии «Редакцияи рӯзномаи «Садои мардум» барои соли 2023» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС: -Вакилони муҳтарам, ҳозирини гиромӣ!**

Ҳоло сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Саидмурод Фаттоҳзода дода мешавад. Марҳамат.

**Саидмурод ФАТТОҲЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Тибқи қарори Шӯрои Ассамблеяи байнипарлумонии кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ду намояндаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои саҳми арзанда дар ташаккули фазои иттилоотии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил бо медали «Дарахти дӯстӣ»-и Ассамблеяи байнипарлумонии кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Ширкати байнидавлатии телевизион ва радиои «Мир» сарфароз гардонида мешаванд:

1. Барои саҳми арзанда дар ташаккули фазои иттилоотии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил вакили Маҷ-



лиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Матробиён Саодатшо Қосимзода бо медали нуқраи Ассамблеяи байнипарлумонии кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Ширкати байнидавлатии телевизион ва радиои «Мир» бо номи «Дарахти дӯстӣ» сарфароз гардонида мешавад.

2. Барои саҳм гузоштан дар ташаккули фазои иттилоотии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил сар-



дори шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадато Султонов бо медали тиллоии Ассамблеяи байнипарлумонии кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Ширкати байнидавлатии телевизион ва радиои «Мир» бо номи «Дарахти дӯстӣ» сарфароз гардонида мешавад.

**РАИС: -** Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа пешбинӣ гардида буданд, баррасӣ шуданд.

Доир ба рафти ҷаласа эроду пешниҳод ҳаст? Нест.

Барои фаъол буданатон миннатдорӣ намуда, ҷаласаро пӯшида эълон менамоям.

---

**Хӯҷаназари АМИНИЁН,**
**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# КАДОМ БАРНОМА, БА ИСТИСНОИ ДУШАНБЕВУ ВМКБ, ДАР ДИГАР ШАҲРУ НАВОҲӢ ИҶРО НАШУД?

(Идома аз саҳ. 1)

Бино ба гуфти ӯ, бо мақсади амалӣ кардани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2018 омӯзиши фанни «Технологияи ит-



тилоотӣ» аз синфи 5 оғоз гардид. Аз ҷониби Вазорати маориф ва илм стандарт, барнома ва нақшаи таълимии фанни «Технологияи иттилоотӣ» барои синфҳои 5-11 таҳия, тасдиқ ва ба муассисаҳои таълимӣ дастрас шуд.

Тибқи нақшаи чорабиниҳои барномаи мазкур, таҳия ва қабули стандартҳои техникӣ барои истифодаи мақсадноки технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таълимӣ Низомнома, Шиносномаи кабинети технологияи иттилоотӣ ва Дастурамал оид ба харидории таҷҳизоти техникӣ дар муассисаҳои таълимӣ бо қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 - уми феврали соли 2018 таҳти №03/12 ва №03/13 тасдиқ ва дастрас шудаанд.

Дар давраи солҳои 2018-2021 дар муассисаҳои таълимии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҳамагӣ 124 синфхонаи нави технологияи иттилоотӣ ташкил ва бо компютер, мизу курсӣ ва дигар таҷҳизоти техникӣ таъмин карда шуданд. Инчунин, дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 3760 синфхонаи технологияи иттилоотӣ фаъолият мекунанд, ки дар ВМКБ 245 адад, шаҳри Душанбе - 319, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ - 842, вилояти Суғд- 1139 ва вилояти Хатлон 1215 адад мебошад.

- Тибқи талаботи нақшаи дурнамои барномаи мазкур, барои муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ дар панҷ сол ба ҷои 52017 компютери банақшагирифташуда 20183 адад харидорӣ гардидааст (2018 то нуҳмоҳаи соли 2022), ки 39 дарсади иҷрои нақшаро ташкил медиҳад. Ба ҳолати имрӯза дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ 81002 компютер ва 4076 тахтаи электронӣ мавриди истифода қарор дорад.

Айни замон дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ 226 барномаи компютерии иҷозатномавӣ мавҷуд буда, барои бо барномаҳои мазкур таъмин намудани муассисаҳои таълимии дигар ба унвони раисони вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ мактуб ирсол карда шуд.

Тибқи нақшаи барнома, дар муддати панҷ сол аз 3393 тахтаи электронии банақшагирифташуда, 2716 адад харидорӣ гардидааст (2018 то нуҳмоҳаи соли 2022), ки 80 дарсади иҷрои нақшаро ташкил медиҳад, - зикр кард номбурда.



Муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Карим Гулмуродзода доир ба маблағгузории «Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» маълумот дод. Бино ба гуфти ӯ, манбаъҳои маблағгузории ҳадафҳои барнома маблағҳои пешбинишудаи буҷети давлатӣ ва дигар сарчашмаҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, муқаррар карда шудааст. Дар робита ба ин, чорабиниҳои барнома асосан дар доираи маблағҳои барои соҳа пешбинишуда амалӣ мешаванд.

- Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз рӯи механизми меъёрии сарикасӣ (шумораи хонанда) маблағгузорӣ карда мешаванд, ки хароҷоти он дар асоси меъёрҳои ҳадди ақали маблағгузорӣ тартиб дода шуда, вобаста ба намуд ва шакл, зинаи таҳсилот, маҳали ҷойгиршавии муассисаи таълимӣ муайян ва тақсим мегардад.

Мувофиқи таҳлил дар муассисаҳои соҳаи маориф, ки аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллӣ маблағгузорӣ мешаванд, барои захираҳои моддию молӣ, хариди таҷҳизот ва фондҳои асосии ғайримоддӣ дар соли 2019-ум 641,8 миллион сомонӣ, соли 2020-ум - 646,1 миллион, соли 2021-ум 890,3 миллион сомонӣ харҷ гардида, дар соли 2022-юм 732,1 миллион сомонӣ ба нақша гирифта шуда, дар ёздаҳ моҳи соли ҷорӣ 559,3 миллион сомонӣ масраф шудааст, ки аз маблағҳои мазкур ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар соли 2019 -ум 81,3 миллион сомонӣ, соли 2020 - 64,0 миллион, соли 2021 - 112,2 миллион ва соли 2022-юм 131,8 миллион сомонӣ рост меояд. Ҳамзамон, аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар доираи чорабиниҳои барнома ҷиҳати харидории 17247 компютер ба маблағи 65,7 миллион сомонӣ, харидории 2262 тахтаи электронӣ ва 7514 мизу курсии компютерӣ равона гардидааст, - зикр кард номбурда.

Сараудитори Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон Аслиддин Ҳасанзода хулоса ва тавсияҳои Палатаи ҳисобро, ки аз натиҷаи чорабинии аудитории гузаронидашуда бардошта шудааст, пешниҳод намуд. Бино ба гуфти ӯ, сарфи назар аз он ки нишондиҳандаҳо талаботи таълими фанни «Технологияи иттилоотӣ»-ро дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таъмин менамоянд, дар ин самт мушкилот ҳанӯз зиёд аст. Аз ҷумла, сатҳу сифати машғулиятҳо аз фанни «Технологияи иттилоотӣ» дар аксар шаҳру ноҳияҳои



дурдасти ҷумҳурӣ ба талабот ҷавобгӯ нестанд. Таҷҳизонидани муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо компютерҳо ва ташкил намудани синфхонаҳои нави компютерӣ дар сатҳи паст қарор дошта, синфхона ва компютерҳои муассисаҳои таълимии баъзе аз шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба талаботи стандартҳои техникии қабулгардидаи барнома ҷавобгӯ нестанд.

- Бо назардошти боз ҳам беҳтар гардонидани рушди амалишавии «Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» дар Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия медиҳем, ки сатҳу сифати машғулиятҳо аз фанни «Технологияи иттилоотӣ» дар шаҳру ноҳияҳои дурдастро пурзӯр намуда, норасоии кадрӣ ва ба талабот ҷавобгӯ будани мутахассисонро бо дастгирии масъулини мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ таъмин намоянд. Ҷиҳати таҷҳизонидани муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо компютерҳо ва ташкил намудани синфхонаҳои нави компютерӣ чораҳои зарурӣ андешида шавад, - изҳор дошт номбурда.

Дар муҳокимаи парламентӣ вакилони Маҷлиси намояндагон ба саволҳояшон аз масъулин посух гирифта, ҳамчунин, ҷиҳати беҳтар кардани кор дар самти татбиқи барномаҳои давлатӣ тавсияҳо доданд.

Дар охир вобаста ба масъалаи баррасишуда қарори дахлдор ва тавсияҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд.

---

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 13-уми январи соли 2023 озмуни №1-ро оид ба иҷора супоридани амволи давлатӣ баргузор менамояд

| т/р | Дорандаи баланс | Суроға | Тавзеҳоти объекти иҷора | Таъинот | Нархи ибтидоии солонаи объекти иҷора (бо сомонӣ) | Муҳлати иҷора |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | МД «Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Маяковский - 2 | масоҳати 140,3 м² аз ҳисоби бинои ошхона | хӯроки умумӣ | 14520 | 1 сол |
| 2 | Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Мастонгулов - 3 | масоҳати 114 м² аз ҳисоби бинои академия | хӯроки умумӣ | 12100 | 1 сол |
| 3 | Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Мастонгулов - 3 | масоҳати 30 м² аз ҳисоби ҳудуди академия | савдо | 3960 | 1 сол |
| 4 | Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Мастонгулов - 3 | масоҳати 176 м² аз ҳисоби ҳудуди академия | хӯроки умумӣ | 18700 | 1 сол |
| 5 | Беморхонаи физиотерапевтии ҷумҳуриявии ба номи А. Нурматов | шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Раҳмон Набиев - 5 | масоҳати 73 м² аз ҳисоби бинои анборхона | истеҳсолӣ | 3150 | 1 сол |
| 6 | Беморхонаи физиотерапевтии ҷумҳуриявии ба номи А. Нурматов | шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Раҳмон Набиев - 5 | масоҳати 375 м² аз ҳисоби бинои ошхона | истеҳсолӣ | 13700 | 1 сол |
| 7 | Корхонаи воҳиди истеҳсолӣ ва таъминотии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Южнообходная - 200 | масоҳати 3312 м² аз ҳисоби бинои сехи коркарди оҳану бетон | истеҳсолӣ | 120000 | 1 сол |
| 8 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов - 6/7 | анбори №4 бо масоҳати 42 м² аз ҳисоби бинои №25А | анбор | 14512 | 1 сол |
| 9 | Донишгоҳи давлатии Данғара | шаҳраки Данғара, кӯчаи Марказӣ - 25 | масоҳати 25 м² аз ҳисоби бинои №1-и донишгоҳ | хизматрасонӣ ва савдо | 5200 | 3 сол |
| 10 | Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов - 69 | масоҳати 7,5 м² аз ҳисоби бинои ШБИ РБДА ВКД ҶТ | хизматрасонӣ | 9085 | 2 сол |
| 11 | Корхонаи воҳиди давлатии «Кохи афсарон»-и Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Фотеҳ Ниёзӣ - 54 | масоҳати 53,43 м² аз ҳисоби бинои корхона | савдо | 9500 | 3 сол |
| 12 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Исмоили Сомонӣ - 59 | масоҳати 15 м² аз ҳисоби муассиса | савдо | 4620 | 3 сол |
| 13 | Муассисаи давлатии «Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик» | шаҳри Душанбе, хиёбони Неъмат Қарабоев - 17 | масоҳати 36 м² аз ҳисоби бинои корхона | хизматрасонӣ | 6770 | 2 сол |
| 14 | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ | шаҳри Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо - 10 | масоҳати 8 м² аз ҳисоби бинои факултети «Нақлиёт»-и донишгоҳ, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷомӣ | савдо | 3900 | 2 сол |
| 15 | Раёсати минтақавии гумрукӣ дар вилояти Суғди Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Хуҷанд, хиёбони Р. Ҳоҷиев - 28 | бино бо масоҳати 135,3 м² бо дарназардошти ҳудуди он аз ҳисоби дидбонгоҳи гумрукии «Ҳаштяк»-и ноҳияи Спитамен | хизматрасонӣ | 15000 | 1 сол |
| 16 | МДТ «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Исмоили Сомонӣ - 59 | масоҳати 120,07 м² бо дарназардошти 12 адад номгӯи воситаҳои асосӣ аз ҳисоби бинои ёрирасони донишкада | хӯроки умумӣ | 18000 | 1 сол |
| 17 | Муассисаи давлатии таълимии «Мактаб - интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятим»-и ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ | ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ, Ҷамоати деҳоти ба номи Калинин, деҳаи Калинин | масоҳати 36 м² аз ҳисоби ҳудуди муассиса | техникӣ | 21605 | 1 сол |
| 18 | Корхонаи давлатии таъминот ва савдои «Китоб» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Неъмат Қарабоев - 17 | масоҳати 11 м² аз ҳисоби корхона | техникӣ | 6640 | 1 сол |
| 19 | МД «Маркази миллии ташхису табобат ва таълимӣ» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ - 48 | масоҳати 17,5 м² аз ҳисоби боми бинои маъмурӣ | техникӣ | 10410 | 1 сол |
| 20 | Сарраёсати таъсиррасонии фаъол ба ҷараёнҳои метеорологии Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Ҳисор, х. Шараф, д. Шӯроб - Искандар | масоҳати 38 м² аз ҳисоби бино | техникӣ | 22820 | 1 сол |
| 21 | Сарраёсати таъсиррасонии фаъол ба ҷараёнҳои метеорологии Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Турсунзода, хиёбони Амиршо Миралиев, деҳаи Кулоклитеппа | масоҳати 23,5 м² аз ҳисоби бино | техникӣ | 14110 | 1 сол |
| 22 | Сарраёсати таъсиррасонии фаъол ба ҷараёнҳои метеорологии Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ноҳияи Шаҳринав, д. Наврӯз, Ҷамоати деҳоти Чузӣ | масоҳати 27 м² аз ҳисоби бино | техникӣ | 16230 | 1 сол |
| 23 | Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 5 | масоҳати 4 м² аз ҳисоби бинои корхона | техникӣ | 2410 | 1 сол |
| 24 | Ширкати саҳомию холдингии кушодаи «Барқи Тоҷик» | шаҳри Турсунзода | масоҳати 11 м² аз ҳисоби майдони зеристгоҳи «Регар-500» | техникӣ | 6600 | 1 сол |
| 25 | Ротаи махсуси зудамали милитсия дар назди Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Раҳмон Набиев - 167 | масоҳати 2 м² аз ҳисоби ҳудуд ва манораи корхона | техникӣ | 1240 | 1 сол |
| 26 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктрансгаз» | шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ - 6 | масоҳати 10 м² аз ҳисоби боми бино | техникӣ | 6012 | 1 сол |
| 27 | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ - 17 | масоҳати 15 м² аз ҳисоби ҳудуди донишгоҳ | техникӣ | 9085 | 1 сол |
| 28 | МД «Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Маяковский - 2 | масоҳати 8 м² аз ҳисоби боми бинои озмоишгоҳ | техникӣ | 4812 | 1 сол |
| 29 | МД «Муҳофизати растаниҳо ва химикунонии кишоварзӣ» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Нарзибеков Маҳмудбек - 32 | масоҳати 5,3 м² аз ҳисоби ҳудуди муассиса | техникӣ | 3180 | 1 сол |
| 30 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Шифобахш» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Исмоили Сомонӣ - 59 | масоҳати 2 м² аз ҳисоби ҳудуди марказ | техникӣ | 1200 | 1 сол |
| 31 | Хоҷагии ниҳолпарварии ба номи М. Турсунзодаи ноҳияи Шаҳринав | ноҳияи Шаҳринав, шаҳраки Боғистон, Ҷамоати деҳоти Боғистон | масоҳати 32 м² аз ҳисоби бинои меҳмонхонаи хоҷагӣ | манзили зист | 2500 | 1 сол |
| 32 | Хоҷагии ниҳолпарварии ба номи М. Турсунзодаи ноҳияи Шаҳринав | ноҳияи Шаҳринав, шаҳраки Боғистон, Ҷамоати деҳоти Боғистон | масоҳати 52,8 м² аз ҳисоби бинои меҳмонхонаи хоҷагӣ | манзили зист | 6000 | 1 сол |
| 33 | Хоҷагии ниҳолпарварии ба номи М. Турсунзодаи ноҳияи Шаҳринав | ноҳияи Шаҳринав, шаҳраки Боғистон, Ҷамоати деҳоти Боғистон | масоҳати 84,8 м² аз ҳисоби бинои меҳмонхонаи хоҷагӣ | манзили зист | 7000 | 1 сол |
| 34 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов - 6/7 | утоқи кории №45 бо масоҳати 25 м² аз ҳисоби бинои №19А | утоқи корӣ | 690 | 1 сол |
| 35 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов - 6/7 | утоқи кории №23 бо масоҳати 24 м² аз ҳисоби бинои №25А | утоқи корӣ | 10780 | 1 сол |

Қабули дархостҳо барои иштирок дар озмун ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21 оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии озмун анҷом меёбад.Ҷои баргузории озмун - **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21. Телефонҳо - 221-73-74, 221-33-66** ва **шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин - 47/1. тел: (83422) 4-52-91, мобилӣ: 92-758-00-96.**

Озмун **соати 10⁰⁰** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар озмун ба даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як иншоот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, иҷорагир ба ҳисоби корхона боҷи комиссиониро ба андозаи 5 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби корхона ва боҷи давлатиро ба андозаи 0,1 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби дахлдор пардохт менамояд, ки ин маблағҳо ба арзиши иншооти иҷора дохил намешавад. Ғолиби озмун он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани озмун ба суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, телефонҳо: 221-33-66, 221-49-87, 221-73-74,** сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифтан мумкин аст.

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 413138 | Муассисаи давлатии «Оркестри давлатии симфонӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 25.12.2022 10:25:00 |
| 2 | 413129 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат | Иваз намудани шишаҳои тирезаҳо (310 м²) ва витражҳои алюминӣ дар варзишгоҳи марказии шаҳри Ваҳдат | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 26.12.2022 09:56:45 |
| 3 | 413123 | Муассисаи кумаки аввалияи тиббӣ - санитарии шаҳри Конибодом | Таҷҳизоти тиббӣ ва мебел | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 10.01.2023 08:40:00 |
| 4 | 413125 | Раёсати иҷрои Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд | Мебел, ДБФ (МФУ - принтер) ва кондитсионер | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 10.01.2023 09:19:55 |
| 5 | 413126 | Маркази назорати давлатии фаъолияти санитарию эпидемиологии шаҳри Хуҷанд | Таъмири бом, намо ва иваз намудани тирезаҳои чӯбӣ ба пластикӣ дар марказ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 10.01.2023 09:30:00 |
| 6 | 413127 | Муассисаи давлатии буҷетии таҳсилоти миёнаи умумии Россия - Тоҷикистон «Мактаби миёнаи умумӣ бо омӯзиши амиқи фанҳои алоҳида ба номи А. П. Чехов дар шаҳри Хуҷанд» | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 10.01.2023 09:33:33 |
| 7 | 413128 | Муассисаи таълимии давлатии «Мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат» дар шаҳри Бӯстон | Молҳои хоҷагидорӣ ва электрикӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 10 | 10.01.2023 09:35:35 |
| 8 | 413130 | Раёсати маорифи вилояти Суғд | Хизматрасонии нақлиётӣ барои 175 нафар дар самти Хуҷанд - Душанбе - Хуҷанд | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 10.01.2023 09:35:35 |
| 9 | 413131 | Муассисаи давлатии «Мактаб-интернати №-40»-и шаҳри Конибодом | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 36 | 10.01.2023 09:40:00 |
| 10 | 413132 | Беморхонаи стоматологияи кӯдаконаи шаҳри Хуҷанд | Таҷҳизоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 10.01.2023 09:45:45 |
| 11 | 413133 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавбарқароркунии қалъа дар Муассисаи давлатии «Маҷмааи фарҳангию таърихии «Қалъаи Хуҷанд» дар шаҳри Хуҷанд (идомаи корҳои сохтмонӣ: сохтмони девори ҷанубӣ. Қисмати 1-ум) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 10.01.2023 09:50:50 |
| 12 | 413134 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №22-и ноҳияи Спитамен | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 24 | 10.01.2023 09:50:50 |
| 13 | 413124 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Барқарорсозии роҳи мошингард дар деҳаи Водифи Ҷамоати деҳоти Лангари ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 10.01.2023 10:00:00 |
| 14 | 413137 | Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи илмию таҳқиқотии иқтисодии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Мебел, ваза барои гул, антивирус, рӯшноидиҳандаи рӯимизӣ, портрет, байрақ, моноблок, молҳои канселярӣ ва хоҷагидорӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 20 | 10.01.2023 10:10:00 |
| 15 | 413139 | Маркази саломатии шаҳрии шаҳри Ваҳдат | Доруворӣ ва масрафшавандаи тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 41 | 10.01.2023 11:50:00 |
| 16 | 413140 | Муассисаи кумаки аввалияи тиббӣ - санитарии шаҳри Бохтар | Таҷҳизоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 10.01.2023 13:40:45 |
| 17 | 413142 | Муассисаи таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №3»-и ноҳияи Файзобод | Таъмир ва барқарорсозии бинои анбори муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 10.01.2023 14:50:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓Шиносномаи шаҳрвандии силсилаи А № 03895865-и гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 16-уми октябри соли 2021 ба Назирқулзода Саодат Назирқул додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе таҳти феҳристи 8072 санаи 5-уми марти соли 2021 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, бинои 11/3, квартираи 32 ба Тоирова Зарина Гулмуратовна додааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи хариду фурӯши квартираи гумшуда, ки онро Саридораи нотариалии давлатии шаҳри Душанбе 27-уми октябри соли 1998 таҳти феҳристи 9Д-1336 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, бинои 11/3, квартираи 32 ба Тоирова Зарина Гулмуратовна додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе 18-уми марти соли 2018 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, хиёбони Рӯдакӣ 30/1, квартираи 5 ба ҶДММ «Империя Востока» додааст, эътибор надорад.

✓Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 2013 ба Шарипов Хушдил Хуршедович додааст, эътибор надорад.

✓Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи Б №0309336-и гумшуда, ки онро Кумитаи заминсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон 9-уми ноябри соли 2005 таҳти № 8 ба сокини деҳаи Чуқураки ноҳияи Файзобод Қаландаров Малах додааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи хариду фурӯши квартираи силсилаи ДШ №0955292-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 13-уми июли соли 2018 таҳти феҳрасти № 8Ш-2331 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Исмоили Сомонӣ, бинои 104, квартираи 30 ба Қурбонов Фурқат Неъматович додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе таҳти варақаи бақайдгирии 23704 ва рақами инвентарии 27400 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Исмоили Сомонӣ, бинои 104, квартираи 30 ба Қурбонов Фурқат Неъматович додааст, эътибор надорад.

✓Аттестат дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо силсилаи А№055902-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №73-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 1984 ба Баротов Холмурод Ашӯрович додааст, эътибор надорад.

✓Патенти № 0192373-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент 21-уми ноябри соли 2011 ба Қурбонов Наим Намозович (РЯМ 6030054223, РМА 605051422) додааст, эътибор надорад.

✓Патенти № 0313749-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент 16-уми августи соли 2017 ба Исаева Зинат Лутфиевна (РЯМ 6030128775, РМА 650307369) додааст, эътибор надорад.

✓Патенти №0349604-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент 3-юми апрели соли 2018 ба Ҷӯраева Гулноз Раҷабовна (РЯМ 6030134972, РМА 605191929) додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе соли 1990 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳнаваки боло, ҳавлии №43«а» ба Қурбонов Валихон додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии ҳавлидории таҳти рақами инвентарии 74693-и гумшуда, ки онро КФББТ-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 1989 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Зайнабобод, деҳаи Шараф ба Акрамов Найча додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатнома барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии №0469101-и гумшуда, ҳамчунин Иқтибос аз феҳрасти бақайдгирии соҳибкорони инфиродии гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 13-уми ноябри соли 2020 ба Раҳманов Муҳаммадҷон Фарҳодович (РЯМ 0230091355) додааст, эътибор надоранд.

✓Иқтибос аз феҳристи бақайдгирии фаъолияти соҳибкории инфиродии гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 6-уми марти соли 2018 ба Авғанов Алиҷон Абдусамадович (РЯМ 0130159325) додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Капитал Тоҷ» (РМА 010095158) фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

САРМУҲАРРИР
АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Некқадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ба супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ: www.sadoimardum. tj ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 17-уми марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97

Ба чопаш 21 декабри соли 2022, соати 20:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33390 нусха

Навбатдори шумора
Ш. Атобуллоев

Тарроҳони компютерӣ
Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров